

**30.01.2018**

Дар мавсими сипаригардидаи футболи мамлакат дастаи варзишгарони Клуби маркази варзиши артиши “Помир” аз 21 бозӣ 8 галаба ба даст оварда, 10 бозиро мусовӣ анчом дода, бо таносуби тубхо-19 бар 13 сохиби 34 имтиёз гардид ва бори нахуст аз замони таъсисёбии хеш ба дарёфти макоми 3-юм ва медалхои бринчии чемпионати 26-уми Лигаи олии футболи Точикистон шарафёб шуд. Хайати дуюми чавонони даста низ хамин натичаи шоёнро дар мавсими футболи соли 2017 ба даст оварданд.

Ба ин муносибат дар Кохи афсарони Вазорати мудофиа бо иштироки хайатхои рохбариву фармондехии ин ниходи кудратии кишвар, намояндагон аз Федератсияи футболи Точикистон, мураббиёну варзишгарон ва чавонон аз кишрхои гуногуни чомеа маросими чоизасупорӣ чихати натичаи ифтихорӣ баргузор гардид.

Дар хамоиш аз Паёми Сарвари давлат ба Мачлиси Олии Чумхурии Точикистон вобаста ба масъалахои баррасигардида самти оммавигардонии варзиш, таблиги тарзи хаёти солим ва рушди бемайлони варзиш вазири мудофиаи мамлакат генерал-лейтенант Шерали Мирзо мисолхо оварда, бо изхори хушнудӣ аз ин дастоварди арзандаи футболбозон кайд карданд, ки Хукумати Точикистон ханӯз аз огози сохибистиклолии мамлакат заминахои меъёриву хукукӣ ва ташкиливу инфрасохтории сохаи варзишро фарохам овардааст. Намояндагони Федератсияи футболи Точикистон бо миннатдорӣ аз рохбарияти вазорат кайд карданд, ки шароит ва имкониятхои бошишгохи Клуби маркази варзишии артиши Вазорати мудофиа сол аз сол бехтар гашта истодааст. Изхори боварӣ карда шуд, ки футболбозони Вазорати мудофиа дар чемпионати Точикистон оид ба футбол байни дастахои Лигаи миллӣ боз хам бештар талош варзида, дар соли 2018 низ ба комёбихои нав ноил мегарданд.



